# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсия ва автореферати Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2024. – 414 саҳ.**

То ба имрӯз дар илми адабиётшиносии тоҷик даҳҳо асарҳои илмиро номбар намудан мумкин аст, ки ба масоили мухталифи мавзуиву поэтикии адибони классик бахшида шудаанд ва ин рисолаҳои илмӣ дар равшан намудани масъалаи мақоми адибон дар такомули ғазали форсии тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни адабиёти мо мақоми шоиста доранд. Дар ин замина, рисолаи диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Шариф Раҳмонович низ, ки ба масъалаи мақоми Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикӣ бахшида шудааст, аз ҷумлаи корҳои илмии сутуданӣ дар илми адабиётшиносии мост.

Ногуфта намонад, ки пажуҳиши масоили марбути ҷинси ғиноӣ, бахусус ғазал, агар аз як тараф, бо дарназардошти такомули рӯзафзуни илми адабиётшиносии муосир нигоҳи нави баррасиҳоро тақозо намояд, аз ҷониби дигар, мавҷудияти ғавру таҳқиқи зиёд дар ин масъала – омӯзиши омилҳои мавзуиву поэтикии адибон дар давраҳои гуногуни адабиёти тоҷик аз тарафи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ кори ҳар муҳаққиқро ба маротиб мушкил намудааст. Аммо, хушбахтона, тайи чанд соли охир дар илми адабиётшиносии тоҷик як раванди муштараки таҳқиқ – ҳамбастагии равишҳои суннатӣ ва муосири адабиётшиносӣ дар баррасиҳои илмӣ рӯйи кор омадааст, ки ин диди нисбатан нави таҳқиқ дар кори диссертатсионии Шарипов Ш.Р. низ ба чашм мерасад. Шарипов Ш.Р. тавониста дар диссертатсия дар баробари усулҳои анъанавии таҳқиқи адабиётшиносӣ: мавзуъ ва чигунагии банду басти ғазал, корбурди мақтаъ ва матлаъ, қофияву радиф, вазн ва меъёрҳои суннатии дигари ғазал, аз равишҳои мактаби

формалистии рус низ истифода намояд. Аз ин рӯ, **мубрамияти мавзуи мазкур**, агар аз як сӯе, нахустин бор мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ҳамаи масоили марбути поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бошад, аз сӯйи дигар, дар он нукта зоҳир шудааст, ки масъалаи ба пажуҳиш кашидашуда, аз дидгоҳҳои нави баррасиҳои илми адабиётшиносии муосир (ба истилоҳи муҳаққиқони эронӣ, ошноизудоӣ, ҳанҷоршиканӣ, ҳисомезӣ, тасвирҳои парадоксӣ, корбурди вобастаҳои ададӣ, барҷастасозӣ, рангомезӣ, савтомезӣ) бархурдор аст (диссертатсия, с. 243-296).

Дар ҳақиқат, паҳнои адабиёти форсии тоҷикӣ то ба ҷоест, ки бо вуҷуди таҳқиқоти тулонӣ ва зиёди ватаниву хориҷӣ ҳанӯз ҳам масоили бешумори ба пажуҳиши илмӣ ниёздошта мавҷуданд, ки ошкор намудани тозакориҳои поэтикии ин ё он адиб аз зумраи онҳост. Бинобар ин, масъалаи муайян намудани мақоми Зуҳурии Туршезӣ дар густараи адабиёти форсии тоҷикӣ дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои мавзуиву поэтикии ғазалиёти ӯ барои адабиёти мо амри зарур буд ва ин кор аз ҷониби муҳаққиқ Шарипов Шариф Раҳмонович дар сатҳи хуби таҳқиқи илмӣ ба сомон расонида шуд.

Масъалаи дигаре, ки дар диссертатсияи Шарипов Ш.Р. ба чашм мерасад ва аз муҳассаноти кори таҳқиқотии ӯ ба шумор меравад, то ҷое муайян намудани шеваи макониcозӣ ва фазоофариниии бадеии Зуҳурии Туршезист. Муҳаққиқ дар баробари ошкор намудани ваҷҳи ғолиби ғазалиёти шоир ба масъалаи заминаҳои тахайюлии шоир дар эҷоди маконҳои ғайривоқеии бадеӣ таваҷҷуҳи амиқи илмӣ намудааст, ки ин самти баррасӣ мақоми шоирро дар густараи адабиёт барҷастатар намудор кардааст (диссертатсия, с. 307-320).

Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки Зуҳурии Туршезӣ, дарвоқеъ, яке аз шоирони бузурги сабки ҳиндист, ки мактаби пайравони худро дошта, дар эҷоди ғазалиёти як қатор шоирони баъдӣ таъсири амиқ гузоштааст ва бе муайян намудани мақоми боризи он дар такомули ғазал ва ҷойгоҳи худи шоир дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба адабиёти форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX наметавон баҳои воқеӣ дод (диссертатсия, с. 322-359). Аз ин ҷо,

кори диссертатсионии Шарипов Ш.Р. аз ин самт низ **мубрам буда**, ба самтҳои афзалиятноки рушди илми адабиётшиносӣ дар ҷумҳурӣ пайванди комил дорад.

**Муҳиммияти кори диссертатсионии мазкур** боз дар он аст, ки муҳаққиқ дар диссертатсия дар 38 маврид бо 20 нафар муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ (диссертатсия, с. 8, 15, 17, 31, 44, 67, 97, 101, 102, 141, 143, 144, 147, 156, 177, 178, 263, 265, 295, 305, 344) баҳс намуда, бо андешаҳои мудаллал саҳеҳияти масъалаи баҳстдоштаи марбути мавзуи таҳқиқро иброз доштааст. Чунончи, Шарипов Ш.Р. андешаҳои муҳаққиқи эронӣ Шукуфа Доробиро дар мавриди ба сифати «гумном» ёд кардани Зуҳурии Туршезӣ (диссертатсия, с. 8), дар сароидани ғазалиёт аз 8 баҳри арузӣ истифода кардани шоир (диссертатсия, с. 147), маҳз вазни даврӣ «ҷӯшишу ҳаяҷон ва нағмаи гӯшнавозе дар ашъори Зуҳурии Туршезӣ эҷод кардааст» ва калимаҳои «назаристон», «шуълахез» ва «дилафгор» аз ҷумлаи вожагони сохтаи Зуҳурӣ ҳастанд (диссертатсия, с. 305)-ро рад карда, исбот намудааст, ки Зуҳурии Туршезӣ шоири «гумном» нест, дар ғазалиёти ӯ корбурди авзонии арузӣ аз 8 адад бештар аст, "ҷӯшишу ҳаяҷон ва нағмаи гӯшнавозеро дар ашъори Зуҳурии Туршезӣ" на вазни даврӣ, балки вазни аруз эҷод кардааст ва вожагони «назаристон», «шуълахез» ва «дилафгор» на сохтаи Зуҳурии Туршезӣ, балки дар ғазалиёти Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷӯи Кирмонӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ба чашм мерасанд (диссертатсия, с. 8, 147, 156, 307). Ва ё андешаҳои М. Урунова ва Д.Ваҳҳобзода, «дар ғазал баҳрабардорӣ аз радифҳои исмӣ хушояндтар аст ва кам шоироне дар корбурди радифҳои исмӣ муваффақ шудаанд»-ро муҳаққиқ Шарипов Ш.Р. бо далелҳо рад карда, исбот намудааст, ки "дар тамоми давраҳои адабиёти форсии тоҷикӣ шоирон, бахусус, намояндагони сабки ҳиндӣ (Зуҳурии Туршезӣ, Соиби Табрезӣ, Урфии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Бедили Деҳлавӣ, Носиралии Сирҳиндӣ, Калими Кошонӣ, Толиби Омӯлӣ ва даҳҳои дигар) дар корбурди радифҳои исмӣ комилан муваффақ шудаанд. Муҳаққиқ, ҳамчунин афзудааст, ки

“гуфтаи дигари М. Урунова ва Д.Ваҳҳобзода дар мавриди «гуфтани ғазалҳои мураддаф нисбат ба ғазалҳои берадиф душвортар аст», асоси илмиро тақозо менамояд. Агар назари М. Урунова ва Д.Ваҳҳобзодаро дар масъалаи «хушояндатар будани радифҳои исмӣ» дар ғазал ба андешаи Шафеии Кадканӣ - «истеъмоли афъоли рабтӣ: буд, гашт, шуд (феълҳои модулӣ) ва бандаки хабарии «аст» аз омили муҳимми такомули радифанд», ё «радифҳои феълӣ ба фазои шеър пӯёӣ ва ҳаракат мебахшанд ва дар муқобили радифҳои исмӣ ва ҳарфӣ сабаби истоии шеър мешаванд», муқоиса намоем, нигоҳи муҳаққиқони тоҷик ба ин мавзуъ чандон саҳеҳ наменамояд” (диссертатсия, с. 177-178).

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Азбаски мавзуи интихобшуда мубрам буда, бори нахуст таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои мавзуиву поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар асоси равишҳои суннатӣ ва муосири таҳқиқи адабиётшиносӣ сурат гирифтаанд, дар диссертатсияи навиштаи Шарипов Ш.Р. бисёр масоили ба риштаи таҳқиқ кашидашуда фарогири навгонии илмианд. Чунончи, дар кори таҳқиқии мазкур аввалин бор муайян карда шудааст, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ кадом навъи ишқ – заминӣ ё инсонӣ корбурд дорад, фарқи тасвири май дар ғазалиёти шоир аз тасвирҳои мутадовули адабии ин истилоҳ дар чист, дар маркази андешаҳои ахлоқии шоир кадом мавзуъ бештар садо додааст ва мавзуоти иҷтимоӣ, тасвири шоиронаи табиат ва назари шоир дар бораи инсон дар ғазалиёти шоир чӣ тавр тасвир ёфтаанд (диссертатсия, с. 42-116).

Навгонии дигар дар диссертатсияи мазкур боз аз он иборат аст, ки муҳаққиқ кӯшидааст, ки сохтори ғазалиёти шоирро пурра муайян намояд ва ҷиҳати ноил шудан ба ин маром масоили корбурди қофияву радиф, матлаъ ва мақтаъ, вожагон ва таркиботи хос, нақши ҳунарсозаҳо: ҳисомезӣ, ҳанҷоршиканӣ ва тасвирҳои парадоксӣ, румузи ранг ва вобастаҳои ададӣ ва воситаҳои маъмули тасвири бадеӣ ва «тасвири иттифоқии бадеӣ»-ро дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро ба риштаи таҳқиқ кашида, хулосаҳои ҷолиби худро баён кардааст, ки онҳо дар муайян намудани мақоми шоир дар

густараи адаби форсии тоҷикӣ, равшан кардани таърихи адабиёти асрҳои мазкур ва навиштани таърихи адабиёт, рисолаҳои илмӣ, дастуру васоити таълимӣ дорои аҳаммиятанд (диссертатсия, с. 121-235).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур барои омӯзиши ҷанбаҳои мавзуӣ ва поэтикаи шуарои дигари форсизабони Ҳиндустон, ки айни ҳол мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтаанд, мусоидат хоҳад кард. Натоиҷи таҳқиқро метавон дар шаклҳои амалӣ ва назарӣ татбиқ намуд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси назарияҳои илмӣ, равишҳои эътирофшудаи илмӣ, андешаҳои илман исботшудаи адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, меъёрҳои пешина ва ҳозираи муқаррарии илми адабиётшиносии тоҷик ва таҷрибаву донишҳои назариявии довталаби дараҷаи илмӣ ба вуҷуд омада, дараҷаи баланди эътимоднокӣ доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)” ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пурра **мувофиқат мекунад**.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он аст, ки дар илми адабиётшиносии тоҷик масъалаи мазкур аввалин бор ба риштаи пажуҳиш кашида шудааст. Бори нахуст ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои мавзуиву поэтикӣ таҳқиқ гардида, мақоми шоир дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он аст, ки нақши ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар таҳаввул ва такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд бори нахуст мавриди таҳқиқи ҷудогонаи илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, ҷанбаҳои мавзуиву поэтикии ғазалиёти шоир маҳз дар таҳқиқи мавриди назар муайян карда шуда, мактаби адабии Зуҳурии Туршезӣ пажуҳиш ёфтааст (диссертатсия, с. 42-116, 121-200, 322-350).

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки маводди ин рисоларо метавон дар иншои китобҳои дарсӣ, таърихнигории адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи афкори фалсафӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои шоирона, забони ғазал, сабкшиносӣ, рисолаҳои илмӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ ва маҳфилҳои мухталифи илмиву адабии бахшида ба осори суханварони сабки ҳиндӣ истифода кард (диссертатсия, с. 39).

Ҳамчунин, андешаҳои илмии муаллифи рисола, ки дар шакли хулосаҳо зикр шудаанд, метавонанд дар навиштани таърихи таҳаввул ва такомули ғазал дар садаҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд, сабки ҳиндӣ ва мароҳили инкишофи он, дар таҳияи китобҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фарҳангу мардумшиносӣ ва ахлоқ мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса ва рӯйхатти адабиёт иборат аст.

Боби аввали диссертатсия **«Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз шаш фасл иборат аст (диссертатсия, с. 42-116).

Дар ин боб баррасиҳои илмии зиёд ба чашм мерасанд, ки аз муҳассаноти марбути мавзуи таҳқиқанд. Аммо мехостам аз онҳо се масъалаи муҳимми барои адабиёти мо зарурро дарҷ намоям, ки инҳоянд:

1. Муҳаққиқ тавонистааст муайян намояд, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ кадом ишқ: заминӣ ва ё осмонӣ инъикос ёфтааст ва ҳудуди корбурди онҳоро ошкор сохтааст. Барои амиқтар фурӯ рафтан ба моҳияти масъалаи мазкур муҳаққиқ аз мафҳуми «аҳди аласт» - назарияи азалияти ишқ, истиораи ишқ, барҷастасозии ишқ дар тасвири бадеӣ баҳра бурдааст, ки ин равиш ҷанбаҳои илмии таҳқиқро мустаҳкам намудааст. Ҳамчунин, ҷадвал и бархе аз истиораҳои (истиораҳои муфассал) алоқаманд ба мафҳуми «ишқ» дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ва маънои тадоикунандаи онҳоро тартиб дода,

ҳар яки онҳоро шарҳ додааст, ки албатта, ин кор низ барои равшан намудани паҳлуи дигари масъалаи таҳқиқшуда зарур аст (диссертатсия, с. 42-71).

2. Муҳаққиқ тавонистааст, ки бо ду роҳ: мабдаи тасвир ва воситаи тасвир истифода шудани майро дар ғазалиёти шоир муайян намояд ва ҳудуди корбурди мотиви адабӣ – тарҷеҳ додани вожагони хамрӣ нисбат ба мафҳумоти шаръиро низ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ низ ошкор созад. Ин кор, албатта, аз муҳаққиқ дониши қавии назариявӣ, интихоби дурусти равишҳои таҳқиқ ва далелҳои муътамадро тақозо мекунад, ки, хушбахтона, Шарипов Ш.Р. аз ишҷрои ин кор баромадааст (диссертатсия, с. 72-79).

3. Ҷадвалсозиҳо дар кори диссертатсионии мазкур муваффақона сурат гирифта, ҳузур ва ташреҳи онҳо барои исботи андешаи муаллиф мусоидат намудаанд. Чунончи, муҳаққиқ дар боби мазкур боз аз ҷадвали теъдоди вожагони марбути дӯстӣ, сулҳу субот ва инсонсолорӣ дар девони ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ суд ҷустааст, ки албатта, ин равиш ба манфиати кор шудааст (диссертатсия, с. 88-89).

Боби дуюми диссертатсия **«Сохтор, вазн ва мусиқии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дошта, аз се фасл ва чор зерфасл иборат аст.

Мутавон муҳассаноти ин бобро низ чунин дастабандӣ намуд:

1. Муҳаққиқ 1282 ғазали девони шоирро аз ҷиҳати шумораи абёт ба таҳқиқ кашида, муайян намудааст, ки ҳадди ақали ғазалҳои шоир 5 байт ва ҳадди ниҳоии онҳо 21 байтро фарогиранд. Ҳамчунин, Шарипов Ш.Р. муайян намудааст, ки “ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз ҷиҳати композитсионӣ пароканда буда, абёти онҳо дар маъно мустақиланд ва воқеа дар онҳо рушд накарда, ба таври статикӣ баён шуда, «байтҳо на аз ҷиҳати мантиқӣ, балки аз рӯйи ассотсиативӣ ба ҳам алоқаманд». Илова бар ин, дар ин боб Шарипов Ш.Р. вижагиҳои сохтории ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро муайян намудааст, ки ба сомон расонидани ин ҷанбаи таҳқиқ, агар аз як тараф, арзиши илмии диссертатсияи мавриди назарро баланд бардорад, аз ҷониби дигар, нақши боризи шоирро дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд таҷассум намудааст (диссертатсия, с. 121-130).

2. Дар ин боб, инчунин, авзони ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ муайян гардида, ҳамбастагии матлаб ва вазн нишон дода шудааст. Муҳаққиқ маълум намудааст, ки дар ғазалиёти шоир вазнҳои хушоҳанг, маъмулу дилнишин ва шоду ношод (хезобию ҷӯйборӣ) мавҷуд аст (диссертатсия, с. 145-155).

3. Шарипов Ш.Р. муайян намудааст, ки "мусиқии дарунии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ тақвиятбахши маънист. Ҳар як ҳарф дар ғазалиёти шоир бо тавозун ва таносуби хосси овоӣ ҷойгир шуда, дар эҷоди савтиёт аҳаммияти муҳим доранд. Шоир дар эҷоди ғазал барои тақвияти маънӣ ба ҳолати физикӣ ва шаклҳои басирии ҳарфҳо низ таваҷҷуҳи зиёд додааст. Рабти садонок ва ҳамсадо дар эҷоди мусиқии ғазалиёти шоир қавӣ буда, ҳамин иртиботи қавии мусиқӣ ва маъно боиси тадоии маъноӣ дар ғазалиёти шоир гардидаанд" (диссертатсия, с. 158-164).

Боби сеюми диссертатсия «**Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ**» ном дошта, аз ду фасл ва нуҳ зерфасл иборат аст.

Дар ин боб низ мухассаноти таҳқиқ зиёд аст ва мо танҳо дутои онро номбар мекунем, ки инҳоянд:

1. Истиораҳои таъвилӣ дар ғазалиёти шоир ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд ва Шарипов Ш.Р. муайян намудааст, ки истиора, бавежа навъи киноии он, дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ нақши бунёдӣ дошта, дар якҷоягӣ бо анвои дигари санъатҳои бадеӣ, дар сувари хаёли шоир асосоти сохтмони тасвирҳоро ба дӯш доранд. Истиора дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ гоҳе бо иҳом пайванд ёфта, дарки маънии байтро душвор карда, ғазалиёти шоирро пуррамз гардонидаанд. Таркиботи истиории нав дар ғазалиёти шоир зиёд буда, ӯ, ҳатто, аз як вожаи «ҳавас» 35 истиораи пӯшида сохтааст, ки онҳо дар ашъори шоирони пешин ва ҳамзамони шоир аксаран ба чашм намерасанд (диссертатсия, с. 187-204).

2. Муаллифи диссертатсия талмеҳоти дар ғазалиёти шоир истифодашударо ба риштаи омор кашида, бад-ин тариқ мақоми санъати мазкурро дар тасвирҳои бадеии шоир муайян кардааст. Муҳаққиқ санъати талмеҳро аз рӯйи мавзуъ ба панҷ навъ: динӣ, ҷуғрофӣ, асотирӣ, достонӣ ва

таърихӣ дастабандӣ кардааст, ки ин равиши таҳқиқ бар ҷанбаи илмии диссертатсия, бешак, афзудааст (диссертатсия, с. 209-218).

Боби чоруми диссертатсия «**Сабкшиносии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дорад ва аз ҳашт фасл иборат аст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ин боб низ андешаҳои худро бо далелҳои қотеъ собит сохтааст ва масоили мубрами поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ: ошноизудоӣ, тасвирҳои мутаноқиз, ҳанҷоршиканӣ, ҳиссомезӣ, вобастаҳои ададиро пажуҳиш кардааст.

Аз назари илмӣ дар ин боб низ тозакориҳои пажуҳишии Шарипов Ш.Р. ба чашм мерасанд. Чунончи:

1. Муҳаққиқ дар асоси ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ чанд назарияи муосири таҳқиқи адабиётшиносӣ, амсоли : ошноизудоӣ ё таноқуз, ҳанҷоргурезӣ, ҳиссомезӣ, рангомезиву мафоҳиму ашё, шуморатарошӣ аз мазомин ва монанди инҳоро татбиқ намудааст (диссертатсия, с. 243-320).

2. Ҳамчунин, дар ин боб муаллиф таркиботи чорҷузъаи («тӯтии қафаси кунҷи хомӯшӣ») ошноизудоиро дар ғазалиёти шоир ошкор сохтааст (диссертатсия, с. 249-250).

Гаштем тӯтии қафаси кунҷи хамӯшӣ,
Фарёдро ба булбули пургӯ гузоштем.

Сеи дигар, муаллиф муайян кардааст, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ 2 навъи ҳанҷоргурезӣ: забонӣ ва маъноӣ ва ду ҷараёни он – дар меҳвар қарор доштани истиораи феълӣ ва исмӣ мавҷуданд. Шоир дар эҷоди ғазал аз се шакли ҳанҷоргурезии забонӣ (вожагонӣ, наҳвӣ ва сабкӣ) истифода карда, чор шакли дигари он (гӯйишӣ, овоӣ, навишторӣ ва замонӣ)-ро ба кор нагирифтааст. Дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ду ҷараёни ҳанҷоргурезӣ – марказияти истиораи феълӣ ва меҳварияти истиораи исмӣ назаррас аст (диссертатсия, с. 263-270).

Дар иртибот бо рангомезӣ ё рангтарошии мазомин ва ашё муаллиф дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ муҳаққиқ исбот кардааст, ки нишони бориз ва пураҳаммияти ранг дар ғазалиёти шоир паёмрасонӣ ва илқои ҳадафманди

эҳсос аст. Ӯ рангҳои пинҳон, равшани интизоӣ - маснуӣ ва равшани табииро дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ таҳқиқ карда, хулосаҳои ҷолиб иброз доштааст. Чунончи, бар тибқи андешаронихои ӯ, ки ранг дар ғазалиёти шоир ҳам мабдаъ ва ҳам воситаи тасвир буда, дар тавсифоти ашё ва ҳодисаҳои моддӣ ва маҳсус ҳам ба кор рафтааст. Аммо рангҳое, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бештар маъниҳои тозаро ифода кардаанд, ғайриаслӣ (интизоӣ) буда, тасовири номаҳсус ва ғайримоддиро таҷассум намудаанд.

Боби панҷуми диссертатсия «**Таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ**» ном дошта, ин боб аз се фасл ва ду зерфасл иборат аст.

Муаллиф дар ин боб бар ин назар аст, ки Зуҳурии Туршезӣ дорои мактаби хосси адабист ва пайравони худро дорад. Ҳамчунин, ӯ қайд менамояд, ки бо ин ки Зуҳурии Туршезӣ дар иншои ғазал таҳти таъсири шоирони пешин низ мондааст, ғазалёти ӯ, аслан, матни бадеиву адабии мустақиланд.

Муаллифи диссертатсия дар боби мазкур ғазалиёти Зуҳуриро бо ғазалсароёни бузурги порсӣ ба килки қиёс кашида, дар асоси даҳ вижагии сабки ҳиндӣ: вуҷуди лағзишҳо дар гуфтор, шикастани ҳудуди мазомини қарордодӣ, ҳиссомезӣ, тасвирҳои мутанокиз, сурати мухайяли эҷоз, корбурди вобастаҳои ададӣ, таркиботи хос, ташхис, тасвирҳои таҷридӣ, дард ва шӯри хос бартарии онҳро ошкор сохтааст, ки ин навъи баррасӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик қобили ситоиш аст (диссертатсия, с. 322-359).

Нуктаи дигари муҳимми дар боби панҷуми диссертатсия баёншуда дар он аст, ки муҳаққиқ Шарипов Ш.Р. тавонистааст, ки меъёрҳои таъсирпазирӣ ва таъсиргузории шоиронро на танҳо дар корбурди калима ва таркибҳои сохтаи шоирон, ҳамчунин, аз лиҳози наздикии тахайюл ва тасвири шоирона ба қалам диҳад. Бар тибқи андешаи муаллиф, шоирони таҳти таъсир қароргирифта на танҳо аз калимот ва таркиботи адиби таъсиргузор истифода кардаанд, балки гоҳо тарзи тасвири шоири қаблӣ дар эҷодиёти шоирони баъдӣ ба чашм мерасад (диссертатсия, с. 331, 348).

Бояд гуфт, ки хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ шуда, нуктаҳои асосии он дар 31 мақола инъикос ёфтаанд, ки 21-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд. Мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат, ҳамчунин, мақолаҳои навиштаҳои муаллиф ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пурра мутобиқат мекунанд ва ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ доранд.

Рӯйхати адабиёт низ дар асоси талабот ва меъёрҳои муқарраршуда мураттаб гардидааст.

Дар маҷмуъ, муҳаққиқ Шарипов Ш.Р. мақсаду вазифаҳои дапешгузоштаашро комилан иҷро карда, як кори мунсаҷиму баанҷомрасидаи илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм муносиб ва мувофиқ аст.

Дар диссертатсияи Шарипов Ш.Р. дар баробари муваффақиятҳои назарраси илмӣ, баъзе нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки инҳоянд:

1. Дар диссертатсия муаллиф баъзан ба масоиле таваҷҷуҳ карда, ки берун аз доираи таҳқиқоти ӯянд ё ба мавзуи таҳқиқ чандон дахл надоранд. Чунончи, таваҷҷуҳ ба мавзуоти соқӣ ва соқинома, зоҳид ва зоҳидситезӣ аз амсоли онҳоянд (диссертатсия, с. 31, 102, 143, 144).

2. Хулосаҳо муфассал ва дар 30 банд баён шудаанд, ки зиёд аст (диссертатсия, с. 360-369)

3. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқ низ зиёданд. Ба андешаи мо, тавсияи баргардон кардани “Девони ғазалиёт”-и шоир ба хатти кириллӣ ва таҳия кардани “Фарҳанги ашъори Зуҳурии Туршезӣ” дар ин бахш басанда буд (диссертатсия, с. 370-371).

4. Чи тавре ки дар боло дарҷ шуд, муҳаққиқ дар боби “Таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ” ғазалҳои Зуҳурӣ ва дигар шоиронро дар асоси даҳ вижагии сабки ҳиндӣ ба ҳам муқоиса кардааст. Аммо шояд маҳдудаи муқарраршудаи кори таҳқиқотӣ боис шудааст, ки маҳз ҳамин равиши таҳқиқ дар мавриди муқоисаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бо Калими Кошонӣ ба чашм намерасад (диссертатсия, с. 341-342). Ин агарчи нуқсони нест, аммо камбуд тавонад буд, чун саҳми Калим дар рушду инкишофи сабки ҳиндӣ, ба вижа жанри ғазал, ҳоҷат ба гуфтор нест.

5. Дар диссертатсия фаслҳои “Мавзуи ишқ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ” (30 саҳифа, диссертатсия, с.42-72) ва “Маҷоз ва анвои он” (19 саҳифа, диссертатсия, с.187-205) хеле муфассал ва зерфаслҳои “Тазод” (2 саҳифа, диссертатсия, с.231-233) ва “Таҷнис” (2 саҳифа, диссертатсия, с.233-235) кӯтоҳ баён шудаанд. Хуб мешуд, ки ба масъалаи корбурди ин санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти шоир низ аз ҷониби муаллиф таваҷҷуҳи бештар мешуд.

6. Дар иртибот бо рӯйхатти адабиёти истифодашуда бояд қайд кард, ки дар ин қисмати кор низ баъзе осори таҳқиқии муосир, ки бо мавзуъ ва мундариҷаи кор пайванди ногусастанӣ доранд, аз диди муаллиф ба яксӯ мондаанд. Аз ҷумлаи ин осор диссертатсияи доктории ин ҷониб – “Сабки ғазали форсӣ дар асрҳои XVI-XVII (дар намунаи эҷодиёти Фиғонӣ, Назирӣ ва Соиб)”, монографияи “Соиб ва вусъати мазмун ва ғазал” ва даҳҳо мақолаҳои интишорёфта мебошанд, ки бо мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ иртиботи бевосита ва якумдараҷа доранд. Аз мухтавои кор дида мешавад, ки муаллиф аз осори фавқуззикр баҳраи зиёд гирифта, вале аз қайди онҳо дар қисмати адабиёти истифодашуда қалами дарҷ дариғ доштааст.

7. Дар диссертатсия, ҳамчунин, гоҳо ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад (диссертатсия, с. 34, 39, 47, 64, 78, 85, 86).

Албатта, камбудҳои ҷойдошта моҳияти илмии диссертатсияро паст нахоҳанд кард ва ҳамаи онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар ниҳоят, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)” ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) **мутобиқати пурра дорад**.

Ҳамчунин, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Данғара” Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
тел: (+992) 90 90 93 184

Имзои О.Ш. Саидҷаъфаровро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Данғара” Тоирзода С.Т.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
тел.: +992 905773310
“14” майи соли 2024